# Озмун барои мансабҳои озод

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 28 Июл, 2023 - 17:40
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:
**1. Мутахассиси бахши умумӣ – 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаи мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ 1112 сомонӣ иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:
- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4x6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (дараҷа ва унвони илмӣ);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия оид ба даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- нусхаи шиноснома;
- хислатнома аз ҷойи кори қаблӣ;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат.
- маълумотнома оид ба доғи судӣ;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка);
- парванда (лифофа – 1 адад).

**Озмун аз се марҳила иборат аст:**
- марҳилаи якум – омӯзиши ҳуҷҷатҳои довталабон;
- марҳилаи дуюм – гирифтанӣ кори хаттӣ;
- марҳилаи сеюм – саволу ҷавоб бо ҳар як довталаб.

Шахсоне, ки аз марҳилаҳои якум ва дуюм намегузаранд, ба марҳилаи сеюми озмун даъват карда намешаванд ва ҳуҷҷатҳояшон баргардонда мешавад.

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи хадамоти кадрии Кумита дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон қабул карда мешаванд.

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 (бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» ошёнаи сеюм), индекс: 734013, телефон/факс: 227-59-38, 227-59-28, 227-78-29 почтаи электронӣ:** info@kumitaizabon.tj **[2], сомона:** www.kumitaizabon.tj **[3]**

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Вазифаи холӣ [4]

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/ozmun-baroi-mansabkhoi-ozod-1?mini=2025-06

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/mansabi_ozod_0.png [2] mailto:info@kumitaizabon.tj [3] http://www.kumitaizabon.tj [4] http://istilohot.tj/tg/category/vazifai-

holi